«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
________ Қурбонзода М.Р.
«26» ___08___ соли 2026.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи диссертатсионии Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат мекунад.

Дар илми журналистикаи муосири тоҷик мавзуъ ва масъалаҳои марбут ба нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум аҳаммияти муҳим дошта, таҳқиқи онҳо яке аз самтҳои мубрами пажуҳишҳои илмии соҳа ба ҳисоб меравад. Омузиши нақш ва таъсири воситаҳои ахбори омма дар шароити муосир имкон медиҳад, ки паҳлуҳои гуногуни фаъолияти журналистика, хусусиятҳои фазои иттилоотӣ ва равандҳои ташаккули афкори ҷомеа мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гиранд. Аз ин рӯ, кори диссертатсионии Давлатализода Хуршед Давлаталӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ бахшида шуда, диссертант дар ҷараёни таҳқиқ ба натиҷаҳо ва дастовардҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст. Диссертатсияи мазкур дар густариши пажуҳишҳои илмии соҳавӣ, истифодаи назарияҳои муосири таҳлили матн, пешниҳоди равишҳои нави таҳқиқи масъалаҳои мубрами журналистика ва арзёбии сатҳу самти фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи тоҷик дар фазои иттилоотии муосир саҳми муносиб мегузорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши воситаҳои ахбори омма дар замони муосир яке аз самтҳои муҳимми илми журналистика ба ҳисоб рафта, расонаҳо дар ташаккули афкори умум, такмили фазои иттилоотӣ,

инъикоси воқеияти ҷомеа ва бозтоби равандҳои бунёдкориву созандагӣ нақши муҳим доранд. Дар ин замина, таҳқиқи мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» мубрам буда, муаллиф вижагиҳои таъсири расонаҳоро ба афкори ҷомеа бо такя ба дидгоҳҳои назариявӣ ва маводди амалии соҳа мавриди таҳлил қарор додааст.

ВАО ҳамчун бахши муҳимми расонаҳое, ки ба афкори омма таъсиргузоранд дар механизми ташаккули афкори ҷомеа нақши бориз доранд. Муайян кардани ҷойгоҳи ВАО-и тоҷик дар мисоли нашрияи "Ҷумҳурият" ва Телевизиони Тоҷикистон пажуҳиши муҳимми журналистӣ ба ҳисоб меравад.

Дар диссертатсия заминаҳои ташаккул ва рушди матбуот, равандҳои мубориза иттилоотӣ, таъсири иттилоот ба шуури ҷамъиятӣ, тағйирёбии афкори ҷомеа ва нақши расонаҳо дар ин раванд баррасӣ гардида, ба масъалаи ташаккул ва рушди касбият дар фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда.** Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои диссертант дорои аҳаммияти илмӣ буда, барои таълиму тадриси таърихи журналистикаи ватанӣ, асосҳои журналистика, фазо ва амнияти иттилоотӣ аҳаммияти назаррас доранд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар бобу фаслҳои диссертатсия бо далелҳои дахлдор асоснок гардида, мавқеи расонаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин раванд инъикос менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада.** Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» аз таҳқиқи арзишманд дар илми журналистикаи тоҷик ба шумор меравад. Навгонии илмии он дар таҳқиқи масъалаи мазкур ҳамчун мавзуи мустақили илмӣ, муайян намудани робитаи муҳтавову сабки нигориш ва баррасии таъсири фаъолияти расонаҳо ба ташаккули афкори умум ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада дорои асоси илмӣ буда, саҳеҳ ва қобили эътимод мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ** ва **амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар пешниҳоди усулу равишҳои таҳлили фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар давраҳои гуногун ва таҳқиқи вижагиҳои рушди журналистикаи тоҷик ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои

густариши заминаи илмии соҳа ва таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои марбут ба журналистикаи муосири тоҷик замина фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии кор дар он зоҳир мешавад, ки хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми таълифи монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, китобу дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳо ва семинарҳои махсус оид ба журналистика, инчунин, ҳангоми омода намудани корҳои илмии магистрӣ, рисолаҳои номзадӣ ва PhD ва дигар таҳқиқи тахассусӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷиҳати илмӣ эътимоднок буда, дар асоси ҷустуҷӯ, таҳлил, муқоиса ва баррасии маводи дахлдор ба даст омадаанд. Дар бобу зербобҳои диссертатсия баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба назар мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда дорои асоси илмӣ буда, натиҷаҳои таҳқиқ дар чор банд ҷамъбаст гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии диссертант дар муайян намудани вижагиҳои фаъолияти воситаҳои ахбори омма, рақобатпазирии онҳо дар фазои иттилоотӣ ва таъсири расонаҳо ба ташаккули афкори умум равшан ба назар мерасад. Муаллиф тағйироти фаъолияти расонаҳоро дар шароити нави иттилоотӣ таҳлил намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба муносибат ва афкори ҷомеа муайян кардааст.

Дар диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ масъалаҳои муҳимми журналистикаи муосир, аз ҷумла, фаъолияти ВАО дар шароити тағйирёбии фазои иттилоотӣ, мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Сохтори диссертатсия мураттабу мантиқӣ буда, бобу фаслҳо пайдарҳам ҷойгир шудаанд. Масъалаҳои таҳқиқ бо мисолҳои мушаххас ва таҳлилҳои дахлдор асоснок гардида, арзиши илмӣ ва амалии корро таъмин менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз пажуҳиши мавзуи диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин шумора 9-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсия ба таҳқиқи нақши расонаҳо дар ташаккули афкори омма бахшида шуда, аз ҷиҳати мазмун ва сохтор кори анҷомёфтаи илмӣ мебошад. Муаллиф нақш ва рисолати воситаҳои ахбори оммаро дар

шароити муосир таҳлил намуда, таъсири онҳоро ба ташаккули афкори ҷомеа нишон додааст. Натиҷаҳои таҳқиқ аҳаммияти назариявию амалӣ дошта, барои рушди пажуҳишҳои журналистӣ ва такмили фаъолияти расонаҳо метавонанд истифода шаванд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз нигоҳи сохтор аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 183 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

**Боби якуми диссертатсия «Омӯзиш ва таҳлили назариявии ВАО дар шаклгирии афкори умум»** номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат мебошад. Дар **фасли якуми боби якум** таҳти унвони **«Назаре ба шинохт ва таъсирбахшии расонаҳо»**, ки бештар хусусияти назариявӣ дорад, ба масъалаҳои марбут ба марҳалаҳои пайдоишу ташаккули афкори умум, шинохти мафҳуми «афкори омма» ва назарияҳои муосири таъсиррасонии расонаҳо ба афкори ҷомеа таваҷҷуҳи хос зоҳир шудааст. Шарҳи истилоҳҳои ба мавзуи таҳқиқ иртиботдошта – афкори омма, ҷанги иттилоотӣ, мафкурасозӣ, амнияти иттилоотӣ, муассирӣ, аудитория барои баррасии мавзуъ мусоидат кардаанд. Ҳамчунин диссертант ба аносири жанрӣ, инъикоси масъала – хабар, мақола, очерк, ток-шоу таваҷҷуҳ кардааст.

Диссертант мафҳумҳои асосии марбут ба мавзуъро шарҳу тавзеҳ дода, аҳаммияти онҳоро бо такя ба дидгоҳу андешаҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ муайян намудааст. Дар ин фасл, ҳамчунин, фаъолияти ВАО-и даврони Шуравӣ ва замони муосир муқоиса гардида, хусусиятҳои таъсиргузории расонаҳо ба афкори ҷомеа дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ дуруст қайд менамояд, ки «расонаҳо метавонанд барои дар дилхоҳ масъала ва мавзуъ дигаргун намудани афкори умум дастёри хуб бошанд. Дар ин росто, расонаҳо ба унвони абзоре барои равшансозии афкор, эҷоди фазо барои бархурди солим ва созанда, дидгоҳҳо ва иттилоърасонии муносиб аз муҳимтарин омилҳои тавсеа барои таҳрики ҷомеа маҳсуб ёфтанд» (саҳ. 20).

Диссертант дар асоси омузиши осори олимони соҳа ба хулоса меояд, ки шароити муосир ва ташаккули низоми нави ВАО ба фаъолияти расонаҳо таъсири бевосита расонида, истифодаи технологияҳои муосир барои такмили фаъолияти онҳо, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва мутобиқ намудани муҳтавои иттилоотӣ ба талаботи ҷомеа муҳим мебошад.

**Фасли дуюми боби якум** таҳти унвони **«Таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум»**, ба яке аз масъалаҳои мубрами замони

муосир бахшида шудааст. Диссертант бо таҳлили ин раванд нақши муҳимми расонаҳоро дар муқовимат ба таъсирҳои манфии иттилоотӣ ва ташаккули фазои иттилоотии солим нишон дода, зарурати мутобиқ намудани фаъолияти онҳоро ба талаботи замон таъкид менамояд.

**Фасли сеюми боби якум «Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум»** ном дошта, ба нақши телевизион дар ташаккули афкори ҷомеа бахшида шудааст. Муаллиф марҳалаҳои ташаккул ва рушди телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, фаъолияти Телевизиони Тоҷикистонро таҳлил намуда, хусусиятҳои таъсиргузории онро ба ҷомеа муайян кардааст.

Диссертант ба хулосаи асоснок мерасад, ки телевизион дар замони муосир на танҳо воситаи интиқоли ахбор, балки абзори муассири ташаккули афкори умум мебошад. Барномаҳои гуногунжанр, махсусан таҳлилӣ, барои ба ҷомеа расонидани масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим доранд.

**Боби дуюми** диссертатсия «**ВАО-и ватанӣ ва бунёди афкори созанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон дошта, аз се фасл иборат мебошад. Дар **фасли якуми боби дуюм** тахти унвони **«Матбуот – василаи аввалини нашру паҳни иттилоот»** диссертант ба таври фарогир заминаҳои таърихии пайдоиш, ташаккул ва рушди матбуоти тоҷикро мавриди таҳлил қарор дода, нақши онро дар ташаккули афкори умум дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ мушаххас намудааст. Фасли мазкур бештар хусусияти таърихӣ дошта, равандҳои ташаккул ва рушди матбуоти тоҷикро аз давраҳои аввалини пайдоиш то замони муосир фаро мегирад.

Зимни таҳлили контентӣ диссертант комёбӣ ва камбудиҳои муаллифон дар маводди нашрия ва телевизион дар инъикоси воқеият ва таъсири он ба аудитория баррасӣ кардааст.

Диссертант ба хулосаи асоснок мерасад, ки матбуоти тоҷик дар солҳои истиқлол дар таҳкими худшиносии миллӣ, расидан ба сулҳу субот ва тарғиби ғояҳои ваҳдату созандагӣ нақши муҳим гузошта, дар ташаккули афкори мусбат ва созандаи ҷомеа саҳми арзанда доштааст.

**Фасли дуюми боби дуюм** бо номи **«Нақши матбуоти даврӣ дар ташаккули афкори умум (дар мисоли нашрияи «Ҷумҳурият»)»,** ба таҳлили фаъолияти нашрияи мазкур бахшида шуда, нақши он дар ташаккули афкори умум ва рушди матбуоти тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Марҳалаҳои рушди нашрия ва инъикоси масъалаҳои худшиносии миллӣ, фарҳанг, ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, сиёсати давлатӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ бо такя ба маводди мушаххас таҳлил шудаанд.

Ҳамзамон, мутобиқшавии «Ҷумҳурият» ба муҳити рақамӣ ва саҳми он дар таҳкими шуури шаҳрвандӣ ва мавқеи расонаҳои миллӣ нишон дода шудааст.

**Фасли сеюми боби дуюм «Телевизиони Тоҷикистон ва махсусияти барномаҳои он дар фазои иттилоотӣ»** ном гирифта, ба таҳлили барномаҳои телевизионӣ ва таъсири онҳо ба ташаккули афкори умум бахшида шудааст. Муаллиф бо таҳлили барномаҳои алоҳида хусусиятҳои муҳтаво, самтҳои фаъолияти телевизион ва таъсири онро ба аудитория муайян намуда, зарурати мутобиқшавии барномасозиро ба рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақобати фазои расонаии муосир таъкид кардааст. Диссертант дар ин маврид дуруст таъкид менамояд: «Дар шароити рақобати расонаӣ ва афзоиши имконоти иттилоотии рақамӣ, тақвияти нақши Телевизиони Тоҷикистон дар ташаккули афкори умум бояд бо таҷдиди назар дар сиёсати муҳтавои барномасозӣ, ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ва таҳияи барномаҳои ҷолибу замонавӣ амалӣ гардад. Танҳо дар ин сурат телевизиони мазкур метавонад дар заминаи маърифати миллӣ, иттиҳод ва худшиносии шаҳрвандон саҳми воқеӣ гузорад ва мақоми худро дар фазои иттилоотии кишвар боз ҳам таҳким бахшад» (саҳ. 110).

Боби сеюми диссертатсия «Назарпурсӣ – василаи омӯзиш ва таҳқиқи афкори умум» унвон гирифта, аз ду фасл иборат мебошад ва ба омузиши нақши расонаҳо аз дидгоҳи коршиносон ва аудитория бахшида шудааст.

**Дар фасли якуми боби мазкур** таҳти унвони **«Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори умум»** андешаҳои коршиносони соҳа тавассути саволҳои мушаххас таҳлил гардида, талаботи аудитория, самтҳои фаъолияти ВАО ва нақши онҳо дар ташаккули афкори умум муайян карда шудаанд.

**Фасли дуюми боби сеюм «Таъсири расонаҳо дар шинохти аудитория»** ном дошта, ба таҳқиқи муносибати аудитория ба ВАО бахшида шуда, бо истифода аз пурсишнома ва фарогирии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ҷойгоҳу нақши расонаҳо дар фазои иттилоотӣ муайян гардидааст. Натиҷаҳои пурсиш дар шакли инфографика ва додаҳои таҳлилӣ пешниҳод шуда, ба таҳқиқ хусусияти амалӣ бахшидаанд. Дар доираи баррасии мавзуи таҳқиқ дар ин фасл диссертант аз инфографика (6 адад расм) ва 3 диаграмма истифода кардааст.

Дар маҷмуъ, истифодаи маводди назариявӣ, таҳлили фаъолияти расонаҳо, андешаҳои коршиносон ва натиҷаҳои пурсишҳои аудитория имкон додааст, ки нақш ва таъсири ВАО ба ташаккули афкори умум ҳамаҷониба ва асоснок нишон дода шавад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар 12 банд манзур гардидаанд, ки натиҷаи омӯзишу таҳлил ва баррасиҳои доманадори ӯ мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар аз як тараф, вусъати баррасии мавзуъро нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии кори диссертатсия мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи унвонҷу фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 9 номгӯйи он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ дар мавзуи «Нақши расонаҳо дар ташаккули афкори умум» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари комёбиҳои илмии ба даст овардашуда, камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ва дар ҷараёни нашри монография дар мадди назар доштани онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Ба андешаи мо, агар номи фасли якуми боби якуми диссертатсия «Назаре ба шинохт ва таъсирбахшии расонаҳо» ва фасли дуюм «Таъсири муборизаҳои иттилоотӣ ба афкори умум» муттаҳид карда мешуд, ба мақсад мувофиқ мебуд. Зеро фасли дуюм аз нигоҳи мазмун идомаи фасли якум буда, аз ҷиҳати ҳаҷм низ нисбатан хурд аст ва ҳамагӣ 7 саҳифаро дар бар мегирад. Дар баробари ин, номи фасли сеюм «Фаъолияти телевизион дар самти шаклдиҳии афкори умум» ба «Нақши телевизион дар ташаккули афкори умум» тағйир дода шавад, ҳам равону суфта ва ҳам аз нигоҳи илмӣ мувофиқ мегардад.

2. Боби якуми диссертатсия хусусияти назариявӣ дошта бошад ҳам, андешаҳои муҳаққиқони хориҷӣ ба таври кофӣ истифода нашуда, мавқеъ ва андешаҳои муаллиф низ нисбатан камтар ба мушоҳида мерасад. Хуб

мебуд, ки диссертант ҳангоми таҳлилу арзёбии масъала андешаҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок намуда, доираи таҳлил ва пажуҳишро васеъ менамуд. Ҳамзамон, истифодаи андешаҳо ва таҳқиқи муҳаққиқони хориҷӣ, бахусус, пажуҳишгароне, ки дар замони муосир таҳқиқи фарогир анҷом додаанд, ба таҳкими ҷанбаи назариявии диссертатсия мусоидат мекард.

3. Фасли якуми боби сеюм «Баррасии назари коршиносон дар бораи нақши расонаҳо дар афкори умум», ки бо истифода аз усули назарпурсӣ анҷом дода шудааст, бештар ба овардани андешаҳои коршиносон такя мекунад ва ҷанбаи илмии таҳлил дар он нисбатан камтар ба назар мерасад. Натиҷаҳои пурсишномаҳои сотсиологии дар диссертатсия истифодашуда, бо кори муҳаққиқон ва ташкилотҳои журналистӣ муқоиса карда шаванд.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори диссертатсионии мазкурро халалдор намесозанд, зеро унвонҷӯ вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи тақризшаванда маълумоти зиёд ва далелҳои ҷолиби омӯзишиву таҳлилӣ дарёфт намудан имконпазир мебошад. Диссертатсияи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, он дастоварди нав дар илми журналистикаи тоҷик маҳсуб меёбад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқаррааргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Диссертатсияи Давлатализода Хуршед Давлаталӣ бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор аст. Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи рӯзноманигории МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Маҳкамзода Дилором Юнус омода гардида, дар ҷаласаи

кафедраи рӯзноманигорӣ августи соли 2026 баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи №1, аз 26.08.2026 с.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» ________________ Шарипов С.И.

**ЭКСПЕРТ:**
дотсенти кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав"
номзади илмҳои филологӣ ________________ **Маҳкамзода Д.Ю.**

**КОТИБИ ИЛМИИ ҶАЛАСА:**
номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори
кафедраи рӯзноманигории факултети
филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав"
номзади илми филологӣ ________________ **Расулзода К.Б.**

Имзои Шарипов С.И., Маҳкамзода Д.Ю. ва
Расулзода К.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» ________________ Исҳоқзода М.М.

**Нишонӣ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: http: bgu-1978@mail.ru
«__26__» августи соли 2026.